# Китоби Муқаддас барои кӯдакон

# Петрус ва қудрати дуо




Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: Janie Forest
Alastair Paterson

Адаптатсиякунанда: Ruth Klassen

Тарҷумон: Tajikistan Bible Society



Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org



©2025 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.






Фиристода Петрус барои ба дигарон дар бораи Исо нақл кардан, ба саросари мамлакат сафар мекард. Рӯзе дар шаҳраки Лудда, вай мардеро, ки ҳашт сол боз шал дар ҷогаҳаш мехобид, вохӯрд. Петрус гуфт: ″Исои Масеҳ туро шифо медиҳад. Хеста ҷогаҳатро ҷамъ кун″. Мард дарҳол аз ҷояш хест. Одамоне ки инро диданд, ба Худованд рӯй оварданд.


Дар наздикии шаҳраки Ёфо одамон ғамгин буданд. Зани масеҳие ки Ғизол ном дошт, навакак мурда буд. Мутаассифона, дӯстони вай ҷасадашро барои гӯручӯб тайёр намуда, онро дар болохонае
гузоштанд, ки дар он ҷо якҷоя гиря мекарданд.
3
Дӯстони Ғизол шуниданд, ки Петрус дар наздикиҳост. Онҳо Петрусро фарёд карданд, ки базудӣ ба Ёфо биёяд. Вақте ки Петрус ба болохона баромад, бевазанон куртаю ҷомаҳое ки Ғизол барояшон дӯхта буд, нишон доданд. Ҳама гиря мекарданд.
4
Аммо Петрус ҳамаи онҳоро берун намуд ва зону зада, дуо кард. Ӯ ба тарафи ҷасад рӯ гардонда гуфт: "Ғизол, хез". Зан чашмонашро кушод ва чун Петрусро дид, хеста нишаст.
5
Петрус аз дасти зан гирифта, вайро ба по хезонд. Баъд имондорон ва бевазанонро ҷеғ зада, ӯро зинда нишон дод. Азбаски ин ҳодиса дар тамоми Ёфо овоза шуд, бисёриҳо ба Худованд имон оварданд.
6
Петрус муддати зиёд дар шаҳраки Ёфо, дар хонае, ки дар лаби баҳр буд, зиндагӣ мекард. Рӯзе Петрус барои дуо
кардан болои бом баромад.
Агар ӯ аз болои девори шаҳр нигоҳ мекард, медид, ки чӣ гуна се мард ба ҷустуҷӯйи вай меоянд.
7
Онҳо хизматгорони ҷанговари румӣ бо номи Корнилюс буданд. Корнилюс ба Худо ибодат мекард. Ӯ хизматгоронашро барои ёфтани Петрус
фиристода буд, зеро фариштаи Худо ба вай аён шуда гуфт:
8


"Барои овардани Петрус одам фирист. Вай дар назди Шимъуни чармгар, ки хонааш дар лаби баҳр аст, меҳмон аст. Петрус ба ту мегӯяд, ки чӣ кор бояд кунӣ".
9


Ҳангоме ки Петрус дар болои бом дуо мекард, Худо ба вай чизе аён кард. Ин ба монанди дастархони калоне буд, ки ба замин мефароияд. Дар рӯйи он ҳайвоноту парандагон буданд. Петрус метавонист гӯяд, ки инҳо нопок буданд. Ин маъно дошт, ки ба яҳудиёни диндор хӯрдани онҳо мумкин набуд. Ногоҳ Петрус овозе шунид, ки мегуфт: "Петрус, хез, кушта хӯр".
10


Петрус ба Худо гуфт: "Не, Худованд! Ман ягон бор чизи ҳаром ё нопок нахӯрдаам". Овоз бори дуюм ба ӯ гап зад: "Он чиро ки Худо бароят ҳалол гардондааст, ҳаром нашумор". Ин ҳодиса се бор такрор шуд. Баъд дастархон боз ба осмон баровардa шуд.
11


Петрус нафаҳмид, ки ин аёншавӣ чӣ маъно дорад. Ҳангоме ки вай дар ин бора фикр мекард, Худо гуфт, ки се мард вайро меҷӯянд ва ӯ бояд бо онҳо равад.
12


Вақте он се мард ба Петрус гуфтанд, ки Фариштаи муқаддас ба Корнилюс фармудааст, ки барои овардани ӯ, одам фиристад, Петрус фаҳмид, ки Худо вайро роҳнамоӣ мекард. Рӯзи дигар Петрус ҳамроҳи шаш дӯсташ ба хонаи Корнилюс рафт.
13


Шояд Петрус ба хонаи ин марди ғайрияҳудӣ рафта, мефаҳмид, ки Худо ҳамаи одамонро дӯст медорад ва мехоҳад, то тамоми халқҳо донанд, ки Исо, Наҷотдиҳандаи ҷаҳон аст. Вақте ки Петрус омада расид, Корнилюс ба замин афтода, ба ӯ саҷда кард.
14

Петрус ба вай гуфт: ″Хез, ман ҳам одам ҳастам″. Баъд ӯ ба ҳамаи одамоне, ки дар хона буданд, гуфт: ″Шумо медонед, ки барои яҳудӣ бо одами халқи дигар дӯстӣ кардан ё ба хонаи вай рафтан ғайриқонунӣ аст.″



15

Вале Худо ба ман нишон дод, ки ман набояд ягон одамро ҳаром ё нопок ҳисобам.



16

Петрус ба ин одамони халқҳои дигар, яъне ғайрияҳудиён гуфт, ки Исо, ҳамон Писари Худо аст, ки дар салиб мурда, аз нав зинда шудааст, то Наҷотдиҳандаи ҷаҳон бошад. Сипас Рӯҳулқудс бар ҳамаи онҳо омад ва онҳо Худоро ситоиш карданд. Шаш дӯсти яҳудии Петрус дар ҳайрат буданд.



17

Ин ба монанди рӯзи иди Ҳосилот буд. Атои Рӯҳулқудс бар ғайрияҳудиён низ рехта мешуд. Баъд Петрус онҳоеро ки нав ба Исо имон оварданд, таъмид дод.



18

Дар Уршалим масеҳиён Петрусро барои назди ғайрияҳудиён рафтанаш, сарзаниш карданд. Петрус дар бораи чизҳои аёншудае, ки ӯву Корнилюс ҳангоми дуо гирифтанд, ба онҳо нақл кард. Инро шунида, масеҳиёни Уршалим ором шуданд ва Худоро ситоиш карданд, зеро Ӯ ба воситаи дуоҳо ба ҷамоати масеҳӣ нишон дод, ки муҳаббати Худо барои ҳама аст.



19

Петрус ва қудрати дуо

Ҳикоя аз Каломи Худо

Амалҳои Расулон 9-12

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад”. Забур 119:130

20

# Хотима

57

60



Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба вуҷуди ту даромада, дар қалби ту зиндагӣ мекунад ва ту ҳамеша ҳамроҳи Ӯ хоҳӣ буд.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16